“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
______________Ибодуллозода А.И.
«_17_» ___06___соли 2026

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ (Назаров Шуҳрат Шералиевич) дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшудаи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D060718 – Ботаника мутобиқат мекунад:

**Банди 1.** Масъалаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи олами наботот, гуногунӣ, таснифот ва номгӯи гурӯҳҳои гуногуни растаниҳо ва оилаи растаниҳо;

**Банди 4.** Масъалаҳои назариявӣ ва амалии паҳншавии географии организми растаниҳо, вижагиҳои паҳншавии муосир ва гузаштаи намудҳои растаниҳо ва наботот, ноҳиябандӣ ва харитакунонии растаниҳо ҳамчун яке аз захираҳои таҳдидшаванда;

**Банди 5.** Робитаҳо бо муҳити сабзиши намудҳо, гурӯҳҳои экологӣ, шаклҳои ҳаётӣ ва оилаи растаниҳо, шохискунонии ҳолати муҳити атроф бо ёрии растаниҳо;

**Банди 6.** Сохтор ва ҷараёни пӯшиши набототӣ ва қисмҳои таркибии он - фитосеновҳо, бо мақсади муносибсозӣ, идоракунии маҳсулнокии онҳо, ташкили оилаҳои сунъии растаниҳо бо вижагиҳои муайяни судовар (фитосенология ва геоботаника);

**Банди 10.** Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи растаниҳо, пеш аз ҳама, захираҳои набототи табиӣ бо мақсадҳои амалӣ (доругӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯроки чорво, обёрикунӣ, ороишӣ ва ғайра);

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҳифзи гуногунии биологӣ ва нигоҳдории захираҳои табиӣ, аз ҷумла набототи имрӯзҳо зери таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст. Тоҷикистон бо назардошти мавқеи географӣ, гуногунии иқлим ва шароити иҷтимоию иқтисодӣ яке аз минтақаҳои калидӣ барои таҳқиқи ин равандҳо ба ҳисоб меравад. Қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор яке аз минтақаҳои муҳимми флоравӣ ба ҳисоб рафта, дар он экосистемаҳои гуногун, аз ҷумла ҷангалҳои паҳнбарг, шибляк, арчазор ва ҷангалҳои наздисоҳилӣ ташаккул ёфтаанд. Дар солҳои охир таъсири омилҳои антропогенӣ, чаронидани аз меъёр зиёди чорво, азхудкунии заминҳо ва тағйирёбии иқлим ба ҳолати экологии ин экосистемаҳо таъсири назаррас расонидаанд. Дар чунин шароит омӯзиши ҳамаҷонибаи таркиби намудӣ, сохтори фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои минтақа аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб менамояд. Аз ин рӯ, Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ ин мавзуи таҳқиқотро мубрам дониста, ба масъалаҳои муҳимми ботаника ва экология шуруъ намудааст.

**Дараҷаи асоснокуии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои таҳқиқоти бисёрсолаи саҳроӣ ва таҳлилии муаллиф асос ёфтаанд. Дар ҷараёни таҳқикот усулҳои қабулшудаи соҳаҳои геоботаника ва экология истифода шудаанд. Ҳангоми иҷрои кор ҳаҷми назарраси маводи саҳроӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил гардида, маълумотҳои бадастомада бо адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ муқоиса шудаанд. Хулосаи кори диссертатсионии Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ

аз натиҷаҳои таҳқиқот мантиқан бармеоянд ва бо далелҳои кофии илмӣ асоснок карда шудаанд.

Тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия унвонҷӯ дарҷ кардааст:

1. Барои тақвияти тадбирҳои ҳифзи намудҳои нодир ва доминант, зарур аст, ки намудҳои арзишманд (ба монанди ангад, себ, дӯлона, сафедор) ва эндемики минтақа (зирк, сафедор ва настаран) доимо зери назорат қарор гиранд.

2. Барои беҳтарсозии ҳолати экологии типҳои асосии наботот тавсия дода мешавад, ки тадбирҳои зидди эрозия, эҳёи табиӣ ва шинонидани намудҳои маҳаллӣ амалӣ гарданд.

3. Зарур аст, ки аҳолии маҳаллӣ оид ба аҳаммияти экологӣ ва хоҷагидории дарахту буттаҳо маълумоти кофӣ дошта бошад, барои ин дар муассисаҳои таълимӣ ё дигар барномаҳои ҷомеавӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ роҳандозӣ гардад.

4. Маълумотҳои бадастомадаи фитосенологӣ, биоморфӣ ва экологӣ метавонад ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъда хизмат кунад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки бори аввал дендрофлораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор аз нуқтаи назари фитосенологӣ ва экологӣ ба таври комплексӣ таҳқиқ шудааст. Муаллиф таркиби дарахту буттаҳои минтақаи таҳқиқотро муайян намуда, рӯйхати пурраи дендрофлораи онҳоро тартиб дода, 34 форматсия ва зиёда аз 150 ассотсиатсияи растаниҳо муайян ва тавсиф намудааст; таҳлили муқоисавии дендрофлораи минтақа бо қаторкӯҳҳои ҳамсоя анҷом дода шудааст; хусусиятҳои экологӣ, систематикӣ ва ареалогии дарахту буттаҳо таҳлил гардидаанд; омилҳои асосии таъсиррасон ба ҳолати экологии дарахту буттаҳо муайян карда шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти илмӣ буда, саҳеҳии онҳо тавассути истифодаи усулҳои қабулшудаи таҳқиқот ва таҳлили муқоисавии маълумотҳо таъмин шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот барои рушди минбаъдаи илмҳои ботаника ва экология аҳаммияти назаррас доранд. Маълумоти бадастомадаи унвонҷӯ метавонанд ҳангоми таҳияи харитаҳои геоботаникӣ, мониторинги муҳит, таҳияи барномаҳои ҳифзи гуногунии биологӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти иҷтимоӣ ва иқтисодии таҳқиқот дар ҳифзи экосистемаҳои табиӣ, нигоҳдории захираҳои ҷангал ва истифодаи оқилонаи намудҳои нафъовар ифода ёфта, қисмҳои ҷудогона ва натиҷаҳои муайяни кор вобаста ба мавзуи диссертатсия дар шакли тавсияҳо ва барои татбиқ дар истеҳсолот аз ҷониби диссертант пешниҳод карда шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо ҳаҷми кофии маводи ҷамъоваришуда, истифодаи усулҳои қабулшудаи илмӣ, коркарди омории маълумотҳо ва муқоисаи натиҷаҳо бо таҳқиқоти олимони дигар таъмин гардидааст. Маълумоти бадастомада дар давраи солҳои 2022 – 2025 ҷамъоварӣ шуда, асоси воқеии хулосаҳои илмиро ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳои илмӣ-амалӣ, ки аз маълумоти корҳои саҳроӣ ва таҷрибавӣ бар меоянд, таҳлил, хулосаҳо ва тавсияҳо бо усулҳои таҳлилӣ, оморӣ ва геоботаникӣ асоснок ва дақиқ карда шуда, эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунанд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои пешниҳодкардаи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дуруст ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Диссертатсия таҳқиқоти мустақили муаллиф ба ҳисоб рафта, натиҷаҳои илмиву амалӣ дар диссертатсия аз ҷониби ӯ ба таври мустақилона бо ҳамроҳии роҳбари илмиаш анҷом дода шудааст. Муҳаққиқ шахсан дар ҷустуҷӯ, таҳлили адабиёт, истифодаи усулҳои таҳқиқот, ба даст овардан ва коркарди ҳамаи маводҳои таҳқиқоти илмӣ, хулосабарорӣ ва таҳлили натиҷаи бадастоварда, навиштани диссертатсия саҳмгузор аст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор намудааст.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия бо натиҷаҳои илмию тадқиқотӣ ҷамъбаст карда шудааст, унвонҷӯ мустақилона дар сатҳи даркории илмӣ кори худро ба сомон расонидааст. Дар диссертатсия натиҷаҳои илмӣ оварда шудаанд, ки онҳо ҳамчун коркарди илмӣ асоснок карда шуда, дар таҷриба татбиқ ва тасниф карда шуда, барои ҳалли вазифаҳои муҳимми ботаникӣ ва бо амал баровардани он аҳаммияти назаррас дорад. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтааст.

Диссертатсия дар ҳаҷми 171 саҳифа таҳия шуда, аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳкиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии муайян карда шуданд.

**Дар боби якум** шароити табиии қисмати ҷанубии қаторкуҳи Ҳисор хусусиятҳои муҳимми муҳити табиии минтақаи таҳқиқот баррасӣ гардидаанд. Муаллиф мавқеи географӣ, сохтори геологӣ, релеф, шароити иқлимӣ, шабакаи гидрографӣ, хусусиятҳои хок ва набототи минтақаро таҳлил кардааст. Нишон дода шудааст, ки гуногунии баланди ландшафтӣ ва иқлимии минтақа барои ташаккули маҷмуи бойи дарахту буттаҳо шароити мусоид фароҳам овардааст.

**Дар боби дуюм** оид ба таърихи омӯзиши дарахту буттаҳои Тоҷикистон ва минтақаи омӯзиш таҳлили муфассали адабиёти илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф саҳми олимони ватанӣ ва хориҷиро дар омӯзиши дендрофлораи

Тоҷикистон нишон дода, сатҳи омӯзиши масъала ва камбудиҳои мавҷударо муайян кардааст. Ҳамзамон мавод ва усулҳои таҳқиқот шарҳ дода шуда, истифодаи усулҳои маршрутӣ, геоботаникӣ, муқоисавӣ ва оморӣ асоснок карда шудааст.

**Дар боби сеюм** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти саҳроӣ ва таҳлилӣ пешниҳод гардида, хусусиятҳои муҳимми объекти таҳқиқ муайян карда шудаанд. Муаллиф таркиби намудии дендрофлораи минтақа, типҳои асосии набототот ва нақши намудҳои ҷамоаофарро таҳлил намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот дар минтақа 34 форматсия ва зиёда аз 150 ассотсиатсияи растаниҳо муайян карда шудаанд, ки арзиши баланди илмӣ доранд. Дар зербоби 3.2 хусусиятҳои фитосенологии чор типи асосии набототот – сиёҳҷангал, шибляк, сафедҷангал ва арчазор ба таври муфассал тавсиф шудаанд. Барои ҳар як тип таркиби намудӣ, сохтори қабатнокӣ, дараҷаи иштироки намудҳои доминант ва субдоминант, инчунин хусусиятҳои экологии онҳо нишон дода шудааст.

Дар зербобҳои минбаъда таҳлили систематикӣ, шаклҳои ҳаётӣ, хусусиятҳои географию ареалогӣ ва гурӯҳҳои экологӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф нишон додааст, ки дендрофлораи минтақа аз ҷиҳати таркиби таксономӣ ва ареалогӣ дорои хусусиятҳои хоси флораи Тоҷикистон буда, мавҷудияти намудҳои эндемикӣ ва субэндемикӣ арзиши фитогеографии онро боз ҳам баланд мегардонад.

**Дар боби чоруми диссертатсия** ҳолати экологии дарахту буттаҳо дар экосистемаҳо масъалаҳои муҳимми экологии минтақа таҳлил шудаанд. Муаллиф нақши дарахту буттаҳоро дар ташаккул ва устувории экосистемаҳо нишон дода, таъсири омилҳои антропогенӣ ва табииро ба ҳолати онҳо арзёбӣ намудааст. Дар зербоби алоҳида аҳаммияти хоҷагидорӣ, доруворӣ, озуқаворӣ ва ҳифзии намудҳои асосии дендрофлора нишон дода шудааст. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба ҳифз ва истифодаи устувори дарахту буттаҳо аҳаммияти амалӣ дошта, метавонанд ҳангоми таҳияи чорабиниҳои муҳофизати табиат истифода шаванд.

**Дар боби панҷуми** диссертатсия муаллиф маълумотро оид ба баррасии натиҷаҳои таҳқиқот гирд овардааст, ки дар он дар бораи ҳар як боби диссертатсия кутоҳ маълумот дода пешниҳод намудааст. Муаллиф онҳоро бо натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ муқоиса намуда, ҷойгоҳи илмии маълумоти бадастовардаро муайян кардааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи пешниҳодгардидаи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, барои дарёфти дараҷаи илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб – Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ ба ихтисосии илмии дархосшаванда 6D060718 – Ботаника мувофиқат мекунад. Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки муаллиф дар рафти таҳқиқотҳояш вазифаҳои дар назди худ гузоштаро иҷро намудааст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандонаи диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқотиояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб чунинанд:

1. Диссертант дар зербоби 1.3. маълумот дар бораи иқлими минтақаи омӯзиш пешниҳод намудааст. Хуб мешуд, ки агар маълумоти муқоисавии иқлими минтақаҳои таҳқиқотӣ дар шакли ҷадвал ё диаграмма пешниҳод мегардид, мазмун ва аҳмияти ин зербоб боз ҷолибтар мешуд.

2. Қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор минтақаи васеъ ба ҳисоб меравад, дар ин минтақа диссертант 110 намуна гербария ҷамъовари кардааст, агар ҳаҷми маводи гербария барои таҳқиқот бештар мешуд, боз хубтар мегардид.

3. Дар рисола унвонҷӯ 10 намуди эндемики Тоҷикистонро дар таркиби дендрофлораи минтақа ба қайд гирифтааст, хуб мешуд, ки барои баъзе намудҳои нодир ва эндемикии мавриди таҳқиқ қароргирифта маълумоти муфассал пешниҳод менамуд.

4. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои ҷузъии имлоӣ, техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки ҳангоми таҳрири ниҳоии рисола ислоҳ намудани онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

5. Дар диссертатсия бештар адабиёте истифода шудааст, ки нашри онҳо аз соли 2000 пештар (қариб 80%) мебошанд. Яъне муҳаққиқ бештар ба маълумотҳои наву тозаи илмӣ такя намояд.

Ин эродҳо қимати кори илмӣ-таҳқиқотиро кам намекунанд ва онҳо характери тавсиявӣ дошта, барои беҳтар гардидани сифати диссертатсия равона гардидаанд.

Автореферати дисссертатсия тибқи тартиби мукарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқикиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника, дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои биологӣ, мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Бобозода Илҳомҷон Абдушукур омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №10 аз 15 июни соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 13 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои биологӣ,
дотсенти кафедраи ботаникаи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Ғайратзода М.Х.

**Эксперт:**
доктори илмҳои биологӣ,
дотсенти кафедраи ботаникаи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Бобозода И.А.

**Котиби илмии ҷаласа:** Ҷумъабой З.

Имзоҳои М.Х. Ғайратзода, И.А. Бобозода
ва Ҷумъабой З.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.

Суроғаи муассисаи пешбар: Индекс 734003,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рудакӣ 121. Тел./Fax/: (+992 37) 2241383.
E-mail: info@tgpu.tj; сомонаи расмӣ www.tgpu.tj
“15” 06 соли 2026.